«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
_______________
«___» _____________ 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Тоҷиддинзода Парвина дар мавзуи **«Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Тоҷиддинзода Парвина соли 2016 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст. Соли 2016 ба ҳайси магистр дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Аз соли 2018 ба ҳайси доктор PhD дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида соли 2021 онро хатм намудааст. Аз соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Роҳбари илмии Тоҷиддинзода Парвина доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мухторов Зайниддин** аст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06.12.2018, бо қарори №4 тасдиқ шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳлили вижагиҳои ибораи номӣ дар насри мусаҷҷаъ аз рӯйи осори Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳқиқи вижагиҳои ибораҳои номӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми наҳви забони тоҷикӣ дар заминаи осори адабиёти классикӣ ба масъалаҳои баҳсноки забони адабии тоҷикӣ бо такя бар таҳаввулоти таърихии забон равшанӣ хоҳад афканд.

Дар диссертатсия бори нахуст қолабҳои гуногуни ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ гирдоварӣ гардида, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Тамоми таҳқиқоти илмии марбут ба ибораҳои номӣ ва маводи амалӣ аз “Расоили форсӣ” гирдоварӣ ва аз нигоҳи илмӣ асоснок шудаанд. Зимни баррасии вижагиҳои сохториву маъноӣ ва гурӯҳбандии маъноии ибораҳо,

муносибати маъноиву корбурдии онҳо бо алоқамандӣ ба рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ таҳқиқ шудааст. Дар рафти таҳқиқ қолабҳои гуногуни ибораорой дар насри мусаҷҷаи рисолаҳо ва муқоиса намудани қолабҳои ибораҳои номӣ бо забони адабии муосири тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Арзиши назариявии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки маҳз дар асоси таҳқиқи хусусиятҳои сохториву муносибати маъноӣ дар ибораҳои номӣ дар мавриди раванди таърихиву навгониҳои ибора, ба хусус дар насри мусаҷҷаъ, метавон ҳукми илмӣ баровард. Таҳқиқи мазкур бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи зич дорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ, таҳияи васоити таълимӣ аз дастури забон, хосса наҳв, мусоидат хоҳад кард.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқ робитаи ногусастанӣ доранд.

**Мақсади таҳқиқ.** Вазифаҳои асосии рисола вобаста ба масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– муайян намудани таҳқиқи хроноголии ибора дар таърихи забони адабии тоҷикӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои фарққунандаи ибора дар насри мусаҷҷаъ;

– таҳқиқи вижагиҳои истифодаи ибораҳо дар насри мусаҷҷаъ;

– нишон додани муносибатҳои маъноӣ ва услубии ибораҳо дар насри мусаҷҷаъ;

– муайян намудани мавқеи ибора дар «Расоили форсӣ», сохт ва истифодаи маънои ибораҳо дар асар;

– таҳлилу таснифи истифодаи навъҳои алоқаи ибора, нақш ва меъёри он дар асар;

– мушаххас намудани раванди таҳаввули ибораҳои номӣ дар забони адабии тоҷикӣ ва гунаҳои ифоданокиву корбурди онҳо дар адабиёти бадеӣ;

– муайян намудани ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ, ифоданокӣ ва муассирии онҳо;

– таҳқиқи таносуб, мувофиқат ва фарқи сохтор ва маънои ибораҳо ва муодили онҳо дар забони ҳозираи адабии тоҷикӣ.

Ба сифати **сарчашмаи таҳқиқ** асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос, ки доир ба ибора, ҷумла ва наҳв анҷом дода шудаанд, ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳимму умуминазариявии мавзуи диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқон Л.С. Пейсиков, В. Виноградов, В.С. Расторгуева, Ш.Н. Ниёзӣ, С. Абдураҳимов, М. Акрамов, А. Мирзоев, С. Ҳалимов, М.Н. Қосимова, М. Муҳаммадиев, Н. Шаропов, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, С. Сулаймонов, А. Ҳасанов, С. Сабзаев, С. Назарзода, З. Мухторов, О. Қосимов, Ф.Х. Шарифова, М. Саломов, Х. Камолзода, С. Расулов ва дигарон ҳамчун заминаи назариявию методологӣ ба кор бурда шудаанд. Диссертатсия ба сифати як пажӯҳиши хос дар атрофи рисолаҳои пурарзиши

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ “Расоили форсӣ”, ки шомили як асари номдори адабию ирфонӣ гардидааст, баррасии муфассали илмӣ шуда, дар аснои таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба унвонҷӯёну муҳаққиқон ёрӣ мерасонад. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи забони адабии тоҷикӣ, забони адабии муосири тоҷикӣ (бахши наҳв) дар факултетҳои филологӣ, ҳамчунин, дар таҳқиқи масоили ирфонӣ, фалсафию диншиносӣ ёрӣ расонида метавонад.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ оид ба «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ буда, асосан, қолабҳои ибораоройӣ, навпардозиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, арзишҳои адабию ирфонӣ, забону услуби эҷодӣ ва мавқеи ибора дар қиссаву ҳикояҳои таъсирбахш бори аввал ба баррасии муфассал фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия сохтори грамматикии ибораҳои номӣ баррасӣ гардидааст. Ғайр аз ин, хусусиятҳои корбурди ибора, таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ таҳқиқ шудааст. Иборaҳо аз рӯйи алоқаҳои пешояндӣ, изофӣ ва ҳамроҳӣ таҳқиқ гардидаанд.

**Арзиши назариявӣ ва амалии** диссертатсияи номзадии Тоҷиддинзода Парвина дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои назариявӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои омӯзиши ибораҳои номиро пурратар гардонида, дар муайян намудани арзишҳои наср метавонад нақши бориз дошта бошад.

Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқ якчанд маротиба дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ҳамчунин, аз натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2019-2024), аз ҷумла, дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе, 2024), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва таъсири он дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ» (Душанбе, 2024) мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидааст.

**Нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидааст.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Тоҷидинзода, П. Ибораҳои изофии исмӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 85-90.

[2-М]. Тоҷидинзода, П. Ифодаи ибораҳои исмии пешояндӣ дар рисолаи «Чиҳилу ду фасл» аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 4. – С. 108-113.

[3-М]. Тоҷидинзода, П., Усмонова, М.Х. Ибораҳои изофии сифатӣ дар рисолаи «Чиҳилу ду фасл» аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода, М.Х. Усмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 93-98.

[4-М]. Тоҷидинзода, П. Ибораҳои исмии алоқаи ҳамроҳӣ дар «Рисолаи беном» аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №2 (54). – С. 96-101.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:

[5-М].Тоҷидинзода, П. Ибораҳои исмии вобастагӣ бо гурӯҳбандии исму ҷонишин аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 7 майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 52-57.

[6-М]. Тоҷидинзода, П. Ибораҳои сода ва мураккаб дар насри якчанд рисола аз «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва таъсири он дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ» (Душанбе, 5 майи соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 56-68.

[7-М]. Тоҷидинзода, П. Таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / П. Тоҷидинзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи пайомадҳои нав» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 5 октиябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 140-145.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, хусусиятҳои наҳвии ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ муайян карда шудааст. Саҳми шахсии муҳаққиқ, ҳамчунин, дар ҷамъоварии маводи таҳқиқ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқи илмии мазкур заҳмати чандсолаи муаллиф ба ҳисоб рафта, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Тоҷиддинзода Парвинаро дар мавзуи **«Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси **6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори № 6 аз 27.12.2024.

Мудири кафедраи таърихи
забон ва типология, номзади
илми филология, дотсент Камолзода Х.М.

Котиби илмӣ, ассистент Муминова К.М.

Имзоҳои Х.М. Камолзода ва
К.М. Муминоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj